**Тақриз**

**ба диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2023, 343 саҳ.**

Таҳқиқи масъалаҳои поэтикаи адабиёти гуфторӣ дар илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Дар адабиёти гуфтории тоҷикон арзишҳо ва сармояҳои миллии фарҳангӣ, ки аз орзуву омол, ҷаҳонбинии эстетикӣ ва ёду хотироти мардум паём мерасонанд, сабту забт гардидааст. Маҳз адабиёти гуфторӣ, аз устураҳои аҳди бостон то танаввуи жанрии он дар асрҳои миёнаву замони нав, зербинои адабиёти навиштории форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад.

Сурудҳои халқии тоҷикӣ аз анвоъи густардаи адабиёти гуфтории тоҷикон аст, ки дар манотиқи мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулкҳои тоҷикнишини кишварҳои ҳамҷавор мақоми шомих ва ҷойгоҳи хос дорад. Сурудҳои халқии тоҷикӣ, ки бо намунаҳои гуногун ва шеваи мухталиф иҷро карда мешаванд, як ҷузъи муҳимми фолклори тоҷикон аст, ки бо арзиши баланди адабӣ ва эстетикии худ имтиёз мекунад ва таҳқиқу пажуҳиши илмии онҳо бисёр гиреҳҳои осори лафзии мардумро ошкор месозад.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, пеш аз ҳама, дар он аст, ки то имрӯз суруд ва мухтассоти жанрии он дар фолклоршиносии тоҷик ба таври фарогир ва монографӣ таҳқиқ нашуда, хусусиятҳои жанрии он муайяну мушаххас нагардида буд. Аз ин рӯ, пажуҳишу таҳқиқи жанри суруд ва навъҳои он – тарона, бадеҳа, даргилик ва масоили поэтикии он, аз ҷумла, бадеият, вазну қофия, радиф, нақарот ва ғайра мубрамият ва аҳаммияти бештар касб мекунад.

Баъзе фолклоршиносони тоҷик дар хусуси бархе аз мухтассоти суруд андеша баён кардаанд, ки дар шакли мақолаю фишурдаҳо сурат гирифтаанд ва онҳоро метавон оғози таҳқиқи суруд унвон кард.

Муаллифи диссертатсия бо назари ҷомеъ ва бар мабнои мухтассоти эстетикии осори гуфторӣ сурудҳои халқии тоҷикиро аз чанд паҳлӯ ба таҳқиқ гирифтааст, ки илми фолклоршиносӣ, ба хусус таҳқиқи поэтикаи онро мукаммал менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Муҳаққиқ бори нахуст поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ, аз ҷумла, масоили истилоҳу муродифоти он, зержанрҳои он, ҷамъоварию омӯзиши он, анвоъ, мавзую муҳтаво, сохту таркиб, авзон, қофия, радиф, забон ва бадеиятро мавриди таҳқиқу баррасии доманадор қарор додааст, ки бешак ибтикороти тоза маҳсуб мешавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо далелу бурҳонҳои муътамад ва муҳокимаҳои қиёсию хулосабардориҳои амиқи илмӣ баррасӣ шуда, бо корбандии равишҳои муосири методологӣ, маводҳои фаровони таҳлилӣ ва бо сохтори муназзам имтиёз мекунад, ки бо мақсаду вазифаи пажуҳиш мувофиқати том дошта, барои таҳқиқи ҳатталимкон мукаммали поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ пойгоҳи муносибро фароҳам овардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Маводи диссертатсия, ҷустуҷӯ ва ковишҳову бозёфтҳои илмии диссертант дар пажуҳишҳои фолклоршиносон, сарояндагону навозандагон, унвонҷӯён, донишҷӯён, таълифи дастуру воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва ғайра метавонад, мавриди истифода қарор гирад.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир **"Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ"** таҳқиқ ва омӯзиши сурудҳои халқии тоҷикӣ ва поэтикаи онҳоро, ки то кунун дар фолклоршиносии тоҷик ба тарзи монографӣ

пажуҳиш нашудаанд, фаро гирифта, дар ин ҷода таҳқиқоти тоза ва дорои аҳаммияти хоси илмӣ мебошад.

Қосимӣ С.А. дар муқаддимаи диссертатсия бо ишора ба ин нукта таъкид кардааст, ки: “Агарчи пажуҳишгарон оид ба анвои суруд ҷое бештару ҷое камтар изҳори назар кардаанд, вале ба андешаи Р.Амонов, В.Асрорӣ, Н.Шакармамадов, Б.Шермуҳаммадов, Р.Раҳмонӣ ва дигарон масъалаи суруд ва хусусиятҳои он таҳқиқи ҷомеи монографиро тақозо дорад” (саҳ.4). Бо дарки ин матлаб диссертант ба таҳқиқи як рукни муҳимми фолклор – сурудҳои халқӣ ва вижагиҳои бадеиву эстетикии онҳо, яъне таҳқиқи поэтикаи сурудҳо тасмим гирифта, масоили мавриди баҳсро дар сатҳи муносиби илмӣ ҳаллу фасл намудааст. Сурудҳои халқии тоҷикӣ як бахши арзишманди фолклори тоҷикон мебошанд, ки муҳимтарин арзишҳои ҷаҳонбинии эстетикии халкро дар худ таҷассум кардаанд.

Диссертатсияи Қосимӣ С. А. аз нигоҳи мавзуъ, умқу вусъати масъалагузорӣ, баҳсу талошҳои илмӣ ва натиҷагирӣ таҳқикоти тоза ва аз ҷиҳати илмӣ тамомиятёфтае аст, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ сухани наву арзишманд мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 15 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи диссертатсия дар 5 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмии соҳавӣ ва 1 монография ба табъ расидаанд. Маводи таълифшуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро ифода намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Қосимӣ С.А. аз муқаддима, чаҳор боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифа,

объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ бо низоми муайян ва дар мутобиқат ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **“Истилоҳ ва хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ”** аз ду фаслу чаҳор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фасли якум **“Истилоҳи “суруд” ва муродифҳои он”** диссертант шарҳу тафсирҳои фарҳангномаҳои машҳури забони форсии тоҷикӣ, аз ҷумла “Луғатнома”-и Деҳхудо, “Фарҳанги форсӣ”-и Муҳаммади Муин, “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ”-ро ба риштаи таҳлил кашида, бо ишора ба таҳқиқоти донишмандони фолклоршинос ба натиҷа расидааст, ки: “мувофиқи мутолиа ва мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки истилоҳи «суруд» дар тули беш аз ҳазор сол ҳам дар осори навишторӣ ва ҳам дар байни мардум роиҷ будааст ва аз ин рӯ, мантиқӣ аст, ки истилоҳи қадимии «суруд»-ро нисбат ба матнҳои зиёди фолклорӣ, ки асосан, ба таври овозӣ ва созӣ, дар байни мардум дар рӯзҳои шодиву нишот сароида мешаванд, ба кор барем” (с.27).

Дар фасли дувуми боби аввал **“Хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ”** хусусиятҳои жанрии суруд ва навъҳои он, ки дар минтақаҳои гуногуни тоҷикнишин бо номҳои тарона, бадеҳа ва даргилик ёд мешаванд, дар меҳвари пажуҳишҳои диссертант қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ дар ин фасл хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқиро бо мисолҳои зиёд ба таҳлил гирифта, мушаххасоту муштаракоти онҳоро таъйид намудааст ва зимни баррасии суруд, тарона ва бадеҳаҳо даргиликро чун падидаи хоси фолклори мардуми Бадахшон арзёбӣ кардааст, ки бо сабки вежаи иҷро тафовут мекунад. Ба ҳукми намуна чанд даргилик аз минтақаҳои гуногуни Бадахшон ба забони мардуми

маҳаллӣ бо тарҷумаи тоҷикии онҳо иқтибос шудааст, ки дар шумули тозаҷуйӣ ва тозакориҳои муаллифи рисола аст.

Боби дувуми диссертатсия **“Гирдоварӣ, нашр ва пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ”** аз ду фасл фароҳам омада, фасли аввали боби дувум **“Гирдоварӣ ва нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ”** пажуҳиши масъалаҳои гирдоварӣ ва нашри сурудҳои халқии тоҷикиро дар асри XX, аз минтақаҳои гуногуни тоҷикнишини Осиёи Миёнаро то замони мо, дарбар гирифтааст. Дар ин фасл муаллиф пасомаду басомади чопи маҷмуаҳои сурудҳои халқӣ, миқдори суруд ва осори фолклориро муфассалан таҳлил ва дастабандӣ намуда, ҳамзамон камбудиву нуқсони маҷмуаҳоро нишон додааст. Муаллиф бо далелҳои муътамад хизматҳои О.Л. Данскер, Г.А. Арандаренко, В.В. Крестовксий, В.И. Липский, А.А. Семёнов, К.Г. Залеман, С.Б. Степанов, А.М. Листопадов, Л.Н. Книпер, А.Н. Болдирев, А.З. Розенфелд, М.С.Андреев, О.Сухарева, И.И.Зарубин, А.С.Ленксий, Н.М. Зубков, Н.И. Рогалский, Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов, Т.Зеҳнӣ, В.Маҳмудӣ, П.Д. Икконииков ва дигаронро зикр намуда, арзиш ва ҷойгоҳи онҳоро дар илми фолклоршиносии тоҷик муайян кардааст.

Фасли дувуми боби дуюм **“Пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ”** баррасии масъалаи пажуҳиш ва таҳқиқотро перомуни сурудҳои халқии тоҷикӣ фаро гирифтаанд. Асарҳои илмии марбут ба сурудҳои халқиро Қосимӣ С.А. ба се даста ҷудо карда, таҳлил ва таҳқиқ кардааст: 1) Мақолаҳои ҷудогона, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудааст. 2) Сарсухани маҷмуаҳо, ки дар онҳо роҷеъ ба сурудҳо мушоҳидаҳои таҳиягарон баён гардидааст. 3) Рисолаҳои илмӣ, ки дар онҳо дар канори жанрҳои дигари лирикӣ ё манзум оид ба сурудҳо низ муҳаққиқон изҳори ақида намудаанд. Қосимӣ С.А. бо такя ба ин равиши саҳеҳи нақду баррасӣ мақола, сарсухани маҷмуа ва рисолаҳои илмиро ба тафсил баррасӣ карда, ҳусну қубҳи онҳоро баён доштааст, ки барои матншиносӣ ва қаринашиносии сурудҳои халқӣ ва нашри сурудҳо дар солҳои баъдӣ аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад.

Масъалаҳои боби сеюми диссертатсия **“Анвоъ ва мавзуъҳои сурудҳои халқии тоҷикӣ”** дар нуҳ фаслу ду зерфасл баррасӣ гардидаанд. Дар фасли аввали боби сеюм **“Масъалаи таснифоти сурудҳои халқии тоҷикӣ”** муаллифи диссертатсия ба ин масъала, ки масъалаи баҳсбарангез дар миёни донишмандони фолклоршиноси ватанӣ маҳсуб меёбад, пардохта, ангезаи аслии ба мувофиқа нарасидани донишмандонро чоп нашудани матни илмиву интикодии сурудҳо донистааст: “Барои ҳамин сурудҳои халқии тоҷикиро низ ба навъҳо ҷудо кардан то ҳадде мушкил аст. Тавре дар боло аз назар гузаронидем, мушкилии аслӣ дар он аст, ки то имрӯз матнҳои илмии сурудҳои халқии тоҷикӣ, ки бо оҳанг суруда мешаванд ва дар ҳақиқат, суруд ҳастанд, ба таври пурра чоп нашудааст. Мо ночор, дар ин марҳала таҳқиқи сурудҳоро дар асоси матнҳои нашри маҷмуа ва гирдовардаҳои хеш анҷом медиҳем” (с.125).

Қосимӣ С.А. бо тафаҳҳусу таҳаққуқ ва бардоштҳо аз андешаҳои профессор Равшан Раҳмонӣ сурудҳои халқии тоҷикиро ба 8 гурӯҳ тақсимбандӣ кардааст: 1. Сурудҳои мавсимӣ; 2. Сурудҳои маросимӣ; 3. Сурудҳои ғиноӣ. 4.Сурудҳои таърихӣ; 5. Сурудҳои ҳамосӣ; 6. Сурудҳои ҳаҷвӣ; 7. Сурудҳои динӣ; 8. Сурудҳои «Алла» ва бачагона. Ин таснифотро бо таваҷҷуҳ ба мулоҳизаҳои ҷолиб ва далелҳои мабсути муаллиф метавон ҷамъбасти баҳсҳои тулонии фолклоршиносони тоҷик арзёбӣ кард.

Дар фасли дувум **“Сурудҳои маросимҳои мавсимӣ”,** дар фасли сеюм **“Сурудҳои маросимӣ”**, дар зерфасли якуми фасли сеюм **“Сурудҳои маросими тӯй”**, дар зерфасли дувуми фасли сеюм **“Сурудҳои мотам”,** дар фасли чаҳорум **“Сурудҳои ғиноӣ”,** дар фасли панҷум **“Сурудҳои таърихӣ”,** дар фасли шашум **“Сурудҳои ҳамосӣ”**, дар фасли ҳафтум **“Сурудҳои ҳаҷвӣ”**, дар фасли ҳаштум **“Сурудҳои динӣ”** ва дар фасли нуҳум **“Сурудҳои “Алла” ва бачагона”** бо шарҳу басти лозим ва далелу бурҳони муътамад дар густурии пажуҳишҳо қарор гирифтаанд. Қосимӣ

С.А. ба дунболи таснифоти сурудҳои халқӣ вежагиҳои ҳар навъи сурудҳоро бо мисолҳои зиёд санҷидаву таҳлил намуда, ба ин хулоса мерасад, ки ҳама сурудҳои халқии тоҷикӣ бо доштани решаҳои куҳани таърихӣ имрӯзҳо низ анвои нави худро падид меоваранд, ки дар мавридҳои гуногун иҷро карда мешаванд.

Боби чаҳоруми диссертатсия **“Сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ”** аз ҳашт фасл ва фасли чаҳорум аз нуҳ зерфасл иборат аст. Фасли якуми боби аввал **“Сохтор”**, дувум **“Нақарот”**, сеюм **“Вазн”**, чаҳорум **“Қофия ва радиф”** ва панҷум **“Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои халқии тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар ин фаслҳо сохтор, мавқеи нақарот, вазн, ҷойгоҳи қофияву радиф ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои халқӣ бо ҷалби мисолҳои фаровон ва намоиши ин унсурҳои поэтикӣ таҳқиқ ва таҳлил шудаанд.

Дар фасли панҷум **“Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои халқии тоҷикӣ”** муҳаққиқ корбурди воситаҳои тасвирро дар ҳар варианти сурудҳо берун оварда, бо камоли ҳавсала баррасӣ намудааст. Аз диди диссертант дар сурудҳои халқии тоҷикӣ аз воситаҳои тасвири бадеӣ бештар такрор, рамз (киноя), ташбеҳ, тавсиф, талмеҳ, муболиға, саволу ҷавоб, ширу шакар ва ғайра истифода шудаанд, ки дар маҷмуъ бо вазну қофияву радиф фазои поэтикии сурудҳои халқии тоҷикиро фароҳам овардааст. Яъне дар эҷоди сурудҳои халқии тоҷикӣ муаллифони онҳо унсурҳои поэтика - қофияҳои барҷаста, радифҳои устувори сода, таркибӣ, авзони дилписанд, нақарот, ки ҳусни суруд аст ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеиро ҳунармандона ба кор гирифтаанд.

Дар фасли шашуми боби чаҳорум **“Вариантнокии сурудҳои халқии тоҷикӣ”** муаллиф ба таркиби сурудҳои халқии тоҷикӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни тоҷикнишини Осиёи Марказӣ бо вариантҳои гуногун дучо меоянд ва сароида мешаванд, таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ягон – ягон баррасӣ кардааст. Муҳаққиқ дар мавриди ба вуҷуд омадани варианти гуногуни сурудҳо таъкид кардааст: “Баъзе сурудҳои халқии

тоҷикӣ вариантҳо доранд. Ин вариантҳо ба ду тарз ба вуҷуд меоянд: Якум, дар раванди ҳар бор сароидан, овозхон метавонад матнро дар контекст дигар созад; калима, ибора ва хатто мисраъҳоро тағйир диҳад. Дар натиҷа, варианти нави суруд ба вуҷуд моеяд. Дуюм, суруд дар минтақаҳои гуногун паҳн шуда, онро сароядагони мухталиф месароянд ва ба он иловаҳо ворид мекунанд, ки ҳар кадоме варианти худро доранд..., ки ин яке аз хусусиятҳои матнҳои фолклорӣ аст" (с.271).

Диссертант дар фасли ҳафтуми боби чаҳорум **"Баъзе хусусиятҳои услубии сурудҳои халқии тоҷикӣ"** аз вежагиҳои услубии сурудҳо баҳс кардааст. Ба қарори маълум хусусияти услубии матни бадеӣ аз таркиби матн, вале хусусияти услубии сурудҳо аз оҳанги мусиқии он пайдо мегардад. Ба қавли муаллиф: "Хусусиятҳои услубии сурудҳои халқиро на аз матн, балки аз оҳанги мусиқии он ҷустан лозим меояд. Суруд агар аз рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, мураббаъ ва мухаммас асос ёфта бошад, ҳангоми иҷро ба қонуниятҳои жанри шеърӣ тобеъ намешавад. Баръакс, жанрҳои мазкур ба оҳанг, ритм, зарб ва тобишҳои мусиқӣ тобеъ мегарданд. Ҳангоми тавлиди суруд ба кадом мавзуъ таъллуқ доштани он оҳангеро тақозо менамояд, то матн ба самъи шунаванда расонида шавад. Барои мисол, аз ин дубайтии маъруф, ки дар сурудҳо сароида мешаванд, намуна меорем:

Шабе ай сузи дил гуфтум қаламро,
Биё, таҳрир кун дарди диламро.
Қалам гуфто, бирав бечора ошиқ,
Надорум тоқати ин гуна ғамро (с.274).

Варианти дигари ин суруд чунин аст:

Шабе аз сӯзи дил гуфтам қаламро,
Биё, бинвис аламҳои диламро.
Қалам гуфто, бирав бечора ошиқ,
Надорам тоқати ин гуна ғамро, ки ин ҷо тағйироти матн ба назар мерасад. Вазну сохтори сурудҳо ва воситаҳои тасвири бадеӣ

хусусиятҳои услубии сурудҳоро мукаммал ва таъсирбахш мегардонанд. Вобаста ба навъи суруд ва мазмуни онҳо нақши асосӣ бар дӯши санъатҳои бадеии тасвир аст.

Масъалаи вобастагии суруд ва тарзи иҷрои он аз мусиқӣ дар фасли ҳаштуми боби чаҳорум **"Ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ"** таҳқиқ шудааст. Матни суруд дар пайвастагии соз ва оҳангҳои махсуси марбут ба он аз ҷониби сароянда садо дода, таъсири сурудро дар зеҳни шунаванда бармеафзояд. Иҷрои сурудҳои халқӣ аз рузгори куҳан то замони мо ба сабки гуфторӣ интиқол ёфта, суруду мусиқӣ дар робитаи ҳамешагӣ қарор доштанд.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир **"Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ"** вобаста ба ҳадафу равиш ва методологияи таҳқиқ, масъалагузориҳо, шеваи баррасиҳои илмӣ, назари инфиродии муаллиф ва натиҷагириҳо бо забони равони илмӣ навишта шуда, пажуҳиши тоза дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

Бояд афзуд, ки дар саропои диссертатсия омодагии муносиби ҳирфаӣ ва илмиву методолгии диссертант ва вуруди комили ӯ ба маводи бениҳоят фаровони сурудҳои халқӣ ба таври равшану гӯё таҷассум ёфтааст ва аз ковишҳои чандинсола ва бобарори унвонҷӯ дарак медиҳад.

Аппарати илмии диссертатсия комил буда, дар ҷараёни таҳқиқ аз 455 сарчашма, осори илмӣ ба забонҳои тоҷикиву русӣ, хатти арабӣ ва ба забони лотинӣ истифода шудааст.

Хулосаи таҳқиқи диссертатсионӣ аз 16 банди мушаххас иборат аст, ки натиҷагирии мантиқӣ ва арзишманди илмӣ аз пажуҳиши мавзуъ аст. Инчунин, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳои диссертатсия дар 7 банди фишурда баён гардидаанд.

Дар радифи дастовард ва бартариҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати муқаддима муаллиф таъкид менамояд, ки маводи беш аз 150-солаи фолклорӣ дар диссертатсия ба таҳқиқ фаро гирифтааст,

вале дар равиши кор маҷмуаҳои чопшуда, аз соли 1934 то 2015, ҳамчун предмети таҳқиқ зикр шудаанд, ки таърихи камтар аз 150 сола доранд.

2. Муаллиф худ ҳамчун фолклоршинос мебоист аз манотиқи гуногуни маҳалҳои тоҷикнишин маводи фолклорӣ ҷамъ меовард, вале асосан маводи фолклории Дарвозу сурудҳои халқии онро худ гирд оварда, бештар аз намунаҳои маҷмуаҳои мунташири фолклорӣ истифода кардааст.
3. Иқтибосҳо дар саҳифаҳои 128-129 аз 2 саҳифа, саҳифаҳои 155-156 аз 1 саҳифа, саҳифаи 159 аз 1,5 саҳифа, саҳифаи 165 аз 1,5 саҳифа, саҳифаҳои 177-178 аз 1,5 саҳифа, саҳ.190-191 аз 1,5 саҳифа, 269-270 аз як саҳифа то 2 саҳифаро ва ғ.ташкил додаанд, ки ҳаҷман зиёданд.
4. Иқтибоси саҳифаи 52 дар саҳифаи 65 такрор шудааст.
5. Ғалатнависии калимаҳо дар саҳифаҳои гуногун, аз ҷумла, калимаи "ҳидоят" ба шакли "хидоят" (саҳ.19) ва "китоб" ба шакли "котиб" (саҳ.51) ва ғайра ба назар мерасанд, ки маъниро халалдор кардаанд.

Новобаста ба ин камбудиву навоқис, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар чаҳор боби диссертатсия ҷанбаҳои муҳим ва барҷастаи поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикиро бо фарогирии мисолҳои фаровон ва таҳлили онҳо дар сатҳи муносиби методологияи илмӣ, банду басти проблема ва роҳҳои таҳқиқи онро бо равишмандии лозимаи ҳирфаӣ ва забони фасеҳи илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Хулоса, диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ

ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илми филология, профессор,
академики Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи
марказии интихобот ва раъйпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимӣ Н.Ю.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (+992) 98-797-55-55

Имзои Н.Ю.Салимиро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои
махсуси дастгоҳи Комиссияи марказии
интихобот ва райъпурсии ҶТ Нормухаммедов А.У.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: +992 904-20-53-63

«30» майи соли 2023